ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «04» 08 соли 2025 № 285/бд ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани
диссертатсияи Икромова М.Х.

Мутобики сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 тасдиқ гардидааст ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бекор карда шавад.

2. Баррасии такрории диссертатсияи Икромова М.Х. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Каримзода М.А.) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Асос: аризаи довталаб Икромова М.Х. аз 30 июли соли 2025 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ.

Муовини раис Мумин Шарифзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ